ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

«Тасдиқ мекунам»
Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, д.и.к.,
профессор____________Сафармамадзода С.М.
15-уми ноябри соли 2023

# ҲИСОБОТ
# ОИД БА НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ–ТАҲҚИҚОТИИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2023

Ҳисобот дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултет 15-уми ноябри соли 2023 тасдиқ карда шудааст.

МУРАТТИБ:

Муовини декан оид ба илм, инноватсия ва робитаҳои байналмилалӣ, н.и.ҳ., дотсент Раҳимзода М.С.

Душанбе-2023

# ҲИСОБОТ
# ОИД БА НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ–ТАҲҚИҚОТИИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2023

## 1. ПЕШГУФТОР

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 1-уми сентябри соли 2023 дар «Рӯзи дониш» ва ифтитоҳи бинои асосӣ ва таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара ҳангоми суханронӣ иброз доштанд, ки «Бунёди ҷомеаи солиму рушдёфта маҳз тавассути ташаккул додани илму маорифи пешрафта, ба роҳ мондани таълиму тарбияи мақсадноки ба арзишҳои миллӣ асосёфта, баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон, муҳайё кардани шароити муосири таълим дар муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, яъне бо асбобу таҷҳизоти замонавӣ таъмин намудани онҳо ва албатта, заҳмати содиқонаи аҳли маориф ва ҳамкориву дастгирии падару модарон имкон дошта метавонад».

Бахри ноил гардидан ба чунин ҳидоятҳои хирадмандона дар соли 2023 факултети ҳуқуқшиносии ДМТ як қатор чораҳои дахлдорро оид ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва рушди илми ҳуқуқшиносӣ андешидаст. Аз ҷумла, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо дарназардошти омилҳои дар боло зикршуда Барномаи рушди факултетро ҷиҳати ба миён овардани тахаввулотҳои ҷиддӣ дар ҳаёти таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва тарбиявӣ барои солҳои 2021-2025 қабул намудааст. Барномаи мазкур имрузҳо барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати таълим, масъулияти омӯзгорон дар таълим ва тарбияи донишҷӯёну магистрон, боло бурдани касбияти омӯзгорони ҷавон, боло бурдани саводнокии донишҷӯёну магистрон, тарбияи онҳо дар рӯҳияи меҳанпарастӣ, дарк ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ равона гардидааст. Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносӣ ҳуҷҷати барномавии илман асосноке ба ҳисоб меравад, ки дар худ нақшаи дурнамо, мақсад, самтҳои афзалиятноки инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ, омилҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудани усулҳои фаъол ва инноватсионӣ, технологияи иттилоотию иртиботии муосир дар раванди таълим ва тарбияро фаро мегирад.

Соли хониши 2023 яке аз солҳои бобарор ва пурсамари корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ барои факултети ҳуқуқшиносӣ мебошад. Устодони факултет дар соли ҳисоботӣ бахри иҷроиши корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисос дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ҳиссаи арзандаи худро гузоштаанд. Ҳамаи ин натиҷаҳои назаррас барои баланд бардоштани сифати таълим, такмили қонунгузории амалкунанда ва рушди босуботи Тоҷикистони азиз истифода хоҳанд шуд.

Равандҳои илмии фаъолияти илмӣ–таҳқиқотии факултети ҳуқуқшиносӣ гуногунҷабҳа буда, он ба масъалаҳои гуногуни назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, масоили гуногуни соҳаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ба монанди ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи молия, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ, назорати прокурорӣ, ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи нақлиёт, ҳуқуқи кишоварзӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гумрук, ҳуқуқи манзил ва ғайраҳо бахшида шудааст.

Шумораи умумии омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли ҳисоботӣ 174 нафарро (28 нафар зан) ташкил дода, барои иҷрои корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ 156 нафари онҳо ҷалб карда шудаанд. Аз ин шумора 32 нафарашон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошанд, ки аз он 1 нафарашон Узви пайвастаи АИ ҶТ, 2 нафар узви вобастаи АИ ҶТ, 25 - нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, 7- нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент аст. Дар соли ҳисоботӣ 83 - нафар номзадҳои илм (2-нафар профессор (1-нафар зан), 63 - нафар дотсент (10-нафар зан), 12 - нафар муаллими калон (4-нафар зан), 6 нафар ассистент (2-нафар зан)). Аз ин шумора 75 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 4 нафар номзади илмҳои филологӣ ва 2 нафар номзади илмҳои педагогӣ, (аз ин шумора 17 нафар зан), 17 нафар муаллими калон бе дараҷаи илмӣ (аз ин шумора 7- нафар зан) ва 42 нафар ассистент (5 нафар зан) мебошанд. Аз 174 нафар шумораи устодони факултет, 115 нафари онҳо дорои дараҷаи илмӣ мебошанд, ки 66,47 % фоизро ташкил медиҳанд. Аз ин шумора, докторони илм - 18,49 %, ва номзадони илм - 47,97 % (аз ҷумла - 9,82% зан).

Сину соли омӯзгорони факултет дар маҷмуъ 40.7 сола аз ҷумла мардон 40,6 сола ва занон бошад 43,8 соларо ташкил медиҳанд. Сину соли устодони дараҷаи илмидошта ва бе дараҷаи илмидошта дар кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносӣ чунин аст:

| № б/т | КАФЕДРАҲО | Сину соли устодон дар кафедраҳо | | | Дараҷаи илмидошта | | | Бе дараҷаи илмидошта | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | умумӣ | мардон | занон | умумӣ | мардон | занон | умумӣ | мардон | занон |
| 1. | Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ | 40,8 | 44,7 | 27,6 | 43,4 | 46,5 | 29,5 | 26 | 28 | 24 |
| 2. | Ҳуқуқи маданӣ | 42 | 48,8 | 28 | 47,1 | 47,1 | - | 27,8 | 28 | 27 |
| 3. | Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия | 37 | 36,8 | 63 | 41 | 41 | - | 34 | 28,6 | 63 |
| 4. | Ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ | 40 | 40,3 | 38,3 | 45,3 | 45,3 | - | 36,6 | 36 | 38,3 |
| 5. | Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ | 39,8 | 39,5 | 43 | 46,9 | 47,6 | 43 | 25,2 | 25,2 | - |
| 6. | Ҳуқуқи конститутсионӣ | 42,3 | 42,1 | 43 | 43,7 | 44,5 | 40,3 | 36,7 | 32 | 51 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 7. | Ҳуқуқи байналмилалӣ | 36,5 | 38,7 | 26,3 | 42,5 | 42,5 | - | 29,7 | 31,8 | 26,3 |
| 8. | Забонҳои хориҷӣ | 56 | 53 | 59 | 54,5 | 32 | 59 | 58,2 | 58,2 | - |
| 9. | Ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ | 36 | 35 | 39,2 | 41,3 | 40,1 | 46 | 28,5 | 27 | 32,5 |
| 10. | Ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ | 33,1 | 33,5 | 32 | 33,8 | 34,6 | 32 | 28 | 28 | - |
| 11. | Криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ | 46,4 | 42 | 86 | 42,2 | 36 | 86 | 42 | 42 | - |
| 12. | **УМУМӢ** | **40,7** | **40,6** | **43,8** | **43,8** | **41,6** | **48** | **33,9** | **33,2** | **37,4** |

Устодону кормандони масъулиятшиноси ин боргоҳи илму хирад дар заминаи татбиқи сиёсати хирадмандона, бобарор ва ҳадафмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми самтҳои ҳаёти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии факултет ба дастовардҳои беназир комёб шудаанд. Имрӯзҳо бо ифтихор метавон саҳми бузурги дастпарварони ин махзани илму маърифатро дар соҳаҳои таъмини қонуният, волоияти қонун, адолати иҷтимоӣ, таҳияи лоиҳаи Конститутсия, омода кардани лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба он, қабули қонунҳои ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллӣ ва некуаҳволии мардуми кишвар, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули барномаву консепсияҳои давлатӣ ва баланд бардоштани эътимоду боварии мардуми кишвар ба сиёсати давлатӣ хотирнишон намуд. Бо ин назардошт соли равон чан тан аз устодони факултет бо мукофотҳои зерин қадрдонӣ гардиданд:

**1. Медали хизмати шоиста**

– Назаров Аваз Қувватович – мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

- Мансурӣ Шодмон- дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат.

2. **Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ**

Раҳмонзода Муҳаммад Чамшед - номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**3. Медали аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

– Давлатзода К.Д. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва экспертизаи судӣ;

Қурбонов Қ.Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ.

**4. Ифтихорномаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

– Мирзоев Қ.Х – ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи;

– Абдуллозода Б.В. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи;

– Исматов Р.А. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи;

– Муродзода Умедҷон Уктам – ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ;

**5. Сипосномаи Донишкардаи ҳарбии Вазорати мудофи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

– Муродзода Умедҷон Уктам – Ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ;

–Исматов Р.А. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи.

**6. Ифтихорномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

✓ Ализода Зариф - д.и.ҳ, дотенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;

✓ Насридинзода Ээмомалӣ Сайфиддин - д.и.ҳ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;

✓ Шарофзода Р.Ш., - д.и.ҳ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;

✓ Тағойназаров Шариф Тағойназарович - д.и.ҳ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ;

✓ Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло - д.и.ҳ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ;

✓ Маҳмудзода Махкам Аъзам - д.и.ҳ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ;

✓ Искандаров Зайниддин Ҳамидович - д.и.ҳ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;

✓ Раҳимзода Маҳмад Забир - д.и.ҳ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат;

✓ Имомов Ашурбой - н.и.ҳ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ;

✓ Ямоқова Зумрад Дадаҷоновна - н.и.ҳ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ;

✓ Холиқзода Абдураҳим Ғаффор - д.и.ҳ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;

✓ Зоир Ҷурахон Маҷидзода - д.и.ҳ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ;

✓ Гадоев Бурҳониддин Саймуддинович - д.и.ҳ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ

✓ Шарипов Тақдиршоҳ Шарипович - д.и.ҳ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия;

✓ Ойев Холмаҳмад - н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ

✓ Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна - н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ

- ✓ Ҳиматов Ҳабибулло Нематович - н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ;
- ✓ Сатторов Ғаффор Сатторович - н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия;
- ✓ Юлдошева Гулминой Мирзомуродовна - муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия;
- ✓ Баҳриддинзода Субҳиддин Эсо - н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
- ✓ Фозилов Насимҷон Носирович - муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
- ✓ Шонасриддинов Назриддин - н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат;
- ✓ Бобокалонов Ғоибназар Мерганович - н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат;
- ✓ Қодирқлов Хуршед Раҳмонович - н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ;
- ✓ Бобоева Низорамоҳ Идиевна - н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
- ✓ Насриддинов Муҳаммадзафар – муаллими калони кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ;
- ✓ Бобоева Мавҷуда Тоировна - н.и.ф, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
- ✓ Афзалӣ Маҳбуба Камол - н.и.ф, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
- ✓ Зайниддинов Саид Сайфиддинович - н.и.ф, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
- ✓ Шоинбеков Одинабек - н.и.ф, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
- ✓ Шарипова Зулайхо Амировна - н.и.ф, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
- ✓ Газиева Ҳамида Хуррамовна - н.и.ф, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
- ✓ Сулаймонов Фируз Сафаралиевич - н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ;
- ✓ Камолов Зубайдулло Аюбович - н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия.
- ✓ Бақоева Шамсия Саидовна - мудири китобхона.

Соли 2023 ба чорабиниҳои муҳимми сиёсии кишвар, аз қабили таҷлили рӯзи Артиши миллӣ, 26–солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ, 32–умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 29–умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷлили рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 31–солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад. Ба ин муносибат мутобиқи нақшаи Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар факултети ҳуқуқшиносӣ як қатор чорабиниҳои муҳим баргузор гардид. Дар асоси нақшаи баргузории

машваратҳои илмӣ, конференсияҳо, симпозиумҳо ва семинарҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва чорабиниҳои дар боло зикргардида, дар факултети ҳуқуқшиносӣ якчанд конференсияҳо ва мизҳои мудаввар гузаронида шуд. Чунончи:

1. Дар пояи факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ рӯзи 10-уми ноябри соли 2022 дар сатҳи Донишгоҳ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи тоҷикон», бахшида ба ҷашни 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид;

Боиси хурсанди аст, ки ба муносибати 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон устодони факултети ҳуқуқшиносӣ монографияи дастаъҷамъонаро аз нашр баровcovered, ки 480 саҳифа буда, дар он паҳлуҳои гуногуни ин Иҷлосияи тақдирсоз дар 27 мавзуи он  аз назари илмӣ таҳлил гардидааст.

2. Дар заминаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ рӯзи 22-юми ноябри соли 2022 конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Парчам – рамзи давлатдорӣ ва ҳувияти миллӣ», бахшида ба ҷашни Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид;

3. Рӯзи 24-уми ноябри соли 2022 дар пояи факултети ҳуқуқшиноси дар сатҳи Донишгоҳ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Парчам – Рамзи озодӣ ва соҳибистиқлолии миллӣ», бахшида ба ҷашни Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид;

4. Дар пояи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисави конференсияи байналмилалииилмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» 9 декабри соли 2022 баргузор гардид.

5. Дар заминаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ мизи мудаввари илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Артиши миллӣ кафили истиқлолияти давлатӣ» бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 22-юми феврали соли 2023 баргузор гардид.

6. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «145-солагии бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ», «2023 – Соли забони русӣ» ва «2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» кори худро аз 20-ум то 27-уми апрели соли 2023 идома дод. Мувофиқи барнома дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар 11 бахш аз 188 маърӯзаи аз тарафи устодону кормандон пешниҳод шуда, 174 маърӯза мутобиқи нақша шунида шуд.

Дар конференсияҳои имсола масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқӣ, ба монанди: назарияи фарогир (универсалӣ)-и ҳуқуқи инсон ва аҳамияти он дар эътирофи арзишҳои башарӣ ва андешаи инсондӯстӣ, андешаи ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ мушкилоти ҳуқуқии танзими мафҳум ва аломатҳои фаъолияти соҳибкорӣ, назарияи худидораи маҳаллӣ, асосҳои назариявии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии фаъолияти

соҳибкорӣ, моҳияти объектҳои обӣ дар низоми объектҳои ҳуқуқи гражданӣ, назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ, масъалаҳои мубрами ҳуқуқи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳум, намуд ва шаклҳои назорати гумрукӣ, тавсифи криминалистии ҷинояти одамкушӣ, муҳаққиқони Аврупои Ғарби роҷеъ ба адабиёти асрҳои миёнаи форсу тоҷик ва ғайраҳо баррасӣ карда шудаанд.

Асосан аз маърӯзаҳои устодони факултет бар меояд, ки мақсади гузаронидани конференсияи илмӣ-назариявӣ ин баррасӣ намудани ҷиҳатҳои актуалӣ ва ҳалли муаммоҳои ҳалталаби соҳаҳои ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон аз маърӯзаҳои устодони факултет бармеояд, ки мундараҷаи конференсия ба нақшаи корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва барномаи конференсия мувофиқат дошт.

Боиси хушнуди аст, ки бори нахуст дар таърихи факултети ҳуқуқшиносӣ мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ дар факултет дар ҳаҷми 77 мақола дар шакли электронӣ ба нашр расонида шудааст.

7. Дар заминаи кафедраи забони хориҷӣ Конференсияи ҷумҳурияви илмию назариявӣ бо иштироки ҳамкорони хориҷӣ дар мавзӯи «Ташаккулёбӣ ва инкишофи тамсила (парадигма)-и муосир дар таълими забонҳои хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: масоил ва дурнамо» санаи 1-уми марти соли 2023 баргузор гарди;

8. Дар заминаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ семинари илмӣ-назарияв дар мавзӯи «Ваҳдати миллӣ асоси рушди давлатдории милии тоҷикон» бахшида ба 26-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ санаи 22-юми июни соли 2023 баргузор гардид.

9. Дар пояи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба ҷашни 32-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Дурахши Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ» санаи 2-юми сентябри соли 2023 баргузор гардид.

10. Дар пояи кафедраи забонҳои хориҷӣ семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Забон унсури ваҳдатсози миллат» санаи 4-уми сентябри соли 2023 баргузор гардид.

11. Дар заминаи кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ рӯзи 13-уми октябри соли 2023 Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ Дар мавзуи «Мушкилоти қонунгузории замини Ҷумҳӯрии Тоҷикистон дар замони муосир» баргузор гардид.

12. Санаи 1-уми ноябри соли 2023 дар заминаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» баргузор гардид.

Дар солҳои 2022-2023 ҷиҳати баланд бардоштани савияи касбии устодони ҷавон, аспирантон ва унвонҷӯён фаъолияти семинарҳои илмӣ-назариявии устодони ҷавони кафедраҳои факултет, ки аз 5-уми феврали соли 2022 ва 9-уми феврали соли 2023 тасдиқ гардида буданд, дар давраи

ҳисоботӣ ҷоннок карда шуданд. Семинарҳои илмии назариявӣ дар соли 2023 чунинанд:

1. Дар пояи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ моҳи ноябри соли 2022 семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавон дар мавзуи «Рушди фаъолияти экпертизаи судӣ дар замони муосир» баргузор шуд.
2. Дар пояи кафедраи ҳуқуқи маданӣ 2-юми декабри соли 2022 семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавони кафедраи ҳуқуқи маданӣ дар мавзуи «Рушди фаъолияти экпертизаи судӣ дар замони муосир» баргузор шуд.
3. Санаи 3-юми декабри соли 2022 семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавони кафедраи ҳуқуҳи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия дар мавзӯи «Муқовимат бо коррупсия дар ҶТ: ҷанбаҳои назариявӣ, амалиявӣ ва роҳҳои муосири пешгирии он» баргузор карда шуд.
4. Рузи 11 январи соли 2023 семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ оид ба омӯзиши нуктаҳои асосии Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 21 декабри соли 2022 баргузор гардид.
5. Дар пояи кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ санаи 25-уми феврали соли 2023 семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавон дар мавзуи «Ҳамкориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи пиряххо дар партавӣ ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор шуд.
6. Рӯзи 10-уми июни соли 2023 дар пояи кафедраи забонҳои хориҷӣ семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавон дар мавзӯи мавзӯи «Рушди малакаи муоширатии донишҷӯён бо дарназардошти талаботи замони муосир» баргузор карда шуд.
7. Санаи 26 майи соли 2023 семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавон дар пояи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ дар мавзӯи «Инкишофи низоми ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор карда шуд.
8. Санаи 11 майи соли 2023 семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавони кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ дар мавзӯи «Мушкилот ва дурнамои қонунгузории замин, нақлиёт ва экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид.
9. Санаи 10 майи соли 2023 семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавони кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар мавзӯи «Ҳифзи ҳуқуқи инсон дар партави манфиатҳои миллӣ» баргузор гардид.
10. Дар пояи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат моҳи июни соли 2023 семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавон дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат дар қонунгузории соҳибкорӣ ва меҳнат» баргузор шуд.
11. Рӯзи 23-юми сентябри соли 2023 семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ дар мавзӯи «Нақши Конститутсия дар ташаккули соҳибихтиёрии давлат» баргузор гардид.

12. Моҳи октябри соли 2023 семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи мурофиавӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон» баргузор гардид.

Ҳамин тариқ, дар давоми соли ҳисоботӣ дар факултет 1 конференсияи байналмиллаӣ, 8 конференсияи ҷумҳуриявӣ, 1 мизи гирди ҷумҳуриявӣ, 2 семинари илмӣ-назариявӣ ва 12 семинарҳои илмӣ-назариявии устодони ҷавони факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор гардидааст. Барои муқоиса, дар факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли 2023-24, 2022-22, 2021-16, 2020-14, 2019-27, 2018-25; 2017-20; 2016-12 ҳамоиши илмӣ баргузор гардидааст.

Ғайр аз ин, омӯзгорони факултет дар конференсияҳову форумҳо ва олимпидаҳои байналмилалӣ иштирок ва сафари хизматӣ намуданд. Аз ҷумла иштирок ва баромад дар конференсияи байналмилалии устодони факултет чунин аст:

Рузҳои 31 май то 3 июни соли 2023 профессор Мирзамонзода Х.М. ва дотсенти кафедра Маҳмудов И.Т. бо сафари корӣ дар шаҳри Екатеринбурги Федератсияи Россияи сафари хизматӣ намуданд. Онҳо дар Конгресси ҳуқуқии АвруОсиё дар мавзуи “Баланс интересов в праве” иштирок ва баромад намуданд. Профессор Мирзамонзода Х.М. дар қисмати ифтитоҳии конференсия ва дотсент Маҳмудов И.Т. дар мавзӯи “Роль прокурора в обеспечении баланс интересов в уголовном процессе” баромад карданд.

Боиси хушнуди аст, ки дар фарҷоми Конгресси ҳуқуқии АвруОсиё дар мавзуи “Баланс интересов в праве” профессори кафедраи ҳуқуқи суди ва назорати прокурорӣ Мирзамонзода Х.М. Роҳбари Консорсиуми Донишгоҳи ҳуқуқии Аврупову Осиё интихоб гардиданд.

Профессорон Азиззода У.А., Муртазозода Ҷ.С. ва Ғафурзода А.Д. дар ш. Санкт-Петербурги ФР дар конфронси байналмилалӣ иштирок ва баромад намуданд.

Шарипов Т.Ш. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба сифати иштирокчи дар маҷлиси минтақавӣ оид ба масъалаи “Афзалиятҳо ва норасоиҳои бандубасти зӯроварии маишӣ ҳамчун роҳи ҳифзи зарардида аз зӯроварӣ” 18-19 октябри соли 2023 шаҳри Остона Ҷумҳурии Қазоқистон иштирок ва баромад намудаст.

Рузи 2 декабри соли 2022 дотсенти кафедра Маҳмудов И.Т. дар кори конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Проблемаҳои муосири ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ», ки дар шаҳри Тошканди Узбекистон баргузор гардид, ба таври маҷозӣ иштирок карда дар мавзуи «Прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишварҳои узви Осиёи Марказӣ» баромад намудаанд ва соҳиби сертификати дахлдор гардиданд.

Рузи 9 декабри соли 2022 дар пояи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба

таҷлили рузи ҳуқуқи инсон конференсияи байналмилалии илмию амали дар мавзуи “Ҳуқуқи инсон: дируз ва имруз” баргузор гардид. Дар кори он дотсент Маҳмудов И.Т. иштирок ва дар мавзӯи “Участие прокурора в судебном разбирательстве уголовных дел» баромад намуданд.

Рузи 10 декабри соли 2022 дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба рузи ҳуқуқи инсон конференсияи панҷуми байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ” баргузор гардид. Дар кори он дотсенти кафедра Маҳмудов И.Т. иштирок ва дар мавзӯи “Участие прокурора в производстве по уголовным делам в суде надзорной инстанции» баромад намуданд.

27 октября 2023 года доцент кафедры Махмудов И.Т. принял участие в работе международной научно-практической конференции «Таджики в зеркале истории», посвященной 115-летию Академика АН ССР Б. Гафурова в филиале МГУ имени Ломоносова в городе Душанбе. Дар мавзуи «Назорати прокурори оид ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби мақомоте, ки таҳқиқу тафтишоти пешакиро ба амал мебароранд» маъруза намуданд.

Санаи 20-уми апрели соли 2023 соати 9.00-11.00 бо иштироки намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон тариқи маҷозӣ конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Актуальные проблемы предупреждения, выявления и расследования экономических и коррупционных преступлений, совершенных с использованием новых информационных технологий” доир гардид. Дар кори он дотсентон Маҳмудов И.Т ва Баҳриддинзода С.Э иштирок намуданд;

Фозилов Н.Н. дар конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Ҳуқуқи инсон: дируз ва имруз”, ки санаи 9-уми декабри соли 2022 баргузор гардид, иштирок ва бо маърӯзаи хеш дар мавзӯи “Преемственность и новизна в развитии субъективных прав и обязанностей лиц, участвующих в деле, в гражданском процессе Таджикской ССР и Республики Таджикистан” баромад намуд.

Фозилов Н.Н. дар мизи гирди байналмилалӣ бо иштироки коршиносони хориҷӣ дар мавзӯи “Адолати судии электронӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва маъмурӣ” дар шаҳри Тошканд, ки санаи 9 июни соли 2023 баргузор гардид, иштирок ва бо рӯнамо (презентатсия)-и худ дар мавзӯи “Электронное правосудие в гражданском процессе Республики Таджикистан в контексте опыта Республики Узбекистан” баромад намуд.

Фозилов Н.Н. дар мизи гирди байналмилалӣ бо иштироки мустақим ва фосилавии (маҷозии) коршиносони хориҷӣ ҷиҳати лоиҳаи таҳияи Кодекси ҶТ “Дар бораи расмиёти маъмурӣ” дар таҳрири нав. – Душанбе, 6-7 декабри соли 2022 иштирок ва баромад намуд.

Фозилов Н.Н. дар мизи гирди байналмилалӣ бо иштироки мустақим ва фосилавии (маҷозии) коршиносони хориҷӣ ҷиҳати таҳияи лоиҳаи

Кодекси ҶТ “Дар бораи расмиёти маъмурӣ” дар таҳрири нав. – Душанбе, 12 майи соли 2023;

Фозилов Н.Н. дар Мизи гирди байналмилалӣ бо иштироки коршиносони хориҷӣ ҷиҳати таҳияи лоиҳаи Кодекси ҶТ “Дар бораи расмиёти маъмурӣ” дар таҳрири нав (ба тариқи маҷозӣ). – Шоҳамбарӣ, н.Ҳисор, 6-7 июни соли 2023.

Фозилов Н.Н. дар мизи гирди байналмилалӣ бо иштироки мустақим ва фосилавии (маҷозии) коршиносони хориҷӣ ҷиҳати таҳияи лоиҳаи Кодекси ҶТ “Дар бораи расмиёти маъмурӣ” дар таҳрири нав. – Душанбе, 15 июни соли 2023.

Таърихи 11-ум то 15-уми сентябри соли 2023 дар шаҳри Шанхайи Ҷумҳурии Мардумии Чин Форум оид ба омодасозии мутахассисони баландихтисоси сатҳи байналмилалӣ ва ҷамъомади намояндагони донишгоҳҳои ҳуқуқшиносии кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай баргузор гардид, ки дар кори он декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирзозода П.З., муовини декан оид ба таълим, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қурбонов Қ.Б., мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Саъдизода Ҷ. ва ассистенти кафедраи мазкур Бобозода У.Э. иштирок намуданд.

Санаи 20-уми феврали соли 2023 бо ташаббуси Донишгоҳи давлатии Иркутск дар шаҳри Иркутски Федератсияи Россия конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Хониши сотсиалистӣ: фаҳмиши ахлоқӣ-маънавӣ” баргузор гардид, ки дар он дотсенти кафедра Искандаров Ш.Ф. ба тариқи маҷозӣ иштирок ва дар мавзуи “Муттаҳиднамоии ахлоқӣ-маънавии ҷомеа ва масъалаи эҳтироми инсон” баромад намуд.

Санаи 17-18-уми июни соли 2023 бо ташаббуси Донишгоҳи давлатии хоҷагии халқи Доғистон дар шаҳри Махачкалаи Доғистон конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Дин, иттиҳодияҳои динӣ, стратегия ва дерадикализми амалӣ: ҷанбаи гендерӣ” баргузор гардид, ки дар он дотсенти кафедра Искандаров Ш.Ф. ба тариқи маҷозӣ иштирок ва дар мавзуи “Фаҳмиши ахлоқӣ-маънавии дин: ҷанбаи гендерӣ” баромад намуд.

Санаи 27-уми октябри соли 2023 бо ташаббуси филиали Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Тоҷикон дар оинаи таърих” бахшида 115 солагии академики АИ ИҶШС Б. Ғафуров баргузор гардид, ки дар он ассистенти кафедра Азимов С.Ш. иштирок ва дар мавзуи “Some theoretical and practical issues of legal education of youth in the conditions of the development of digital technologies” бо забони англисӣ баромад намуд.

Санаи 9-уми декабри соли 2022 аз ҷониби кафедра конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон дар

мавзуи «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» ташкил карда шуд, ки дар он зиёда аз 98 нафар олимони дохилу хориҷи кишвар, аз ҷумла ҳамаи омӯзгорон ва аспирантону унвонҷӯёни кафедра бо маърӯзаҳо баромад намуданд. Инчунин маҷмуаи конференсияи мазкур бо сифати баланд ба нашр расонида шуд.

Санаи 27-29-уми апрели соли 2023 бо ташаббуси филиали Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «XIII хониши Ломоносовӣ», бахшида 115-солагии академик Б. Ғафуров баргузор гардид, ки дар он ассистенти кафедра Азимов С.Ш. иштирок ва дар мавзуи "Вижамуҳоҷирон (гурӯҳи мушаххаси муҳоҷирон) ва вазъи ҳуқуқии онҳо" баромад намуд.

Иштирок дар олимпиадаи байналмилалии устодони факултет чунин аст: Раимзода М.С. аз 27 октябр то 2 ноябри соли 2023 ба шаҳрҳои Алмаатои Қазоқистон ҷиҳати иштирок ва робарии дастаи ДМТ дар кори тренинг оид ба омодагӣ ба олимпиадаи байналмилаии Willem C. Vis International Commercial Arbitration Moot сафари хизматӣ намуд.

Раҳимзода М.С. аз 7 то 15 марти соли 2023 ба шаҳрҳои Остонаи Қазоқистон ҷиҳати иштирок ва робарии дастаи ДМТ дар олимпиадаи Astana IAC Central Asia Pre-Moot дар заминаи Willem C. Vis International Commercial Arbitration Moot сафари хизматӣ намуд.

Муродзода Умед аз 24-28 апрели соли 2023 ба шаҳри Екатеринбурги ФР барои роҳбарии дастаи оллимпӣ ва иштирок дар Форум сафари хизматӣ анҷом дода аст.

Бо мақсади ба амал баровардани ҳамкориҳои дуҷониба факултети ҳуқуқшиносӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, вазорату кумитаҳои давлатӣ, донишгоҳҳо, марказҳои илмию таҳқиқотии ҷумҳурӣ ва хориҷӣ алоқаи устувори илмиро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, имрӯз факултети ҳуқуқшиносӣ бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, Донишгоҳи давлатии дустии халқҳои Федератсияи Россия, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқи Москва ба номи О. Е. Кутафин, Донишгоҳи давлатии Санкт–Петербург, Мактаби олии иқтисодии шаҳри Москва, Донишгоҳи миллии Қазоқистон, Донишгоҳи Бремен (Олмон), Донишгоҳи миллии Қирғизистон ба номи Ж. Баласагина ва ғайра муносибати хуби илмиро доро мебошад.

Натиҷаи ин ҳамкориҳост, ки омӯзгорони факултет дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, дар мавзӯъҳои гуногун баромад карданд. Самаранокии корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултети ҳуқуқшиносиро иштироки фаъолонаи омӯзгорони

факултет дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ нишон медиҳад. Дар соли ҳисоботӣ омӯзгорони факултет дар конференсияҳои байналмилалӣ 204 (соли 2022-211 соли 2021-178, соли 2020 - 220, соли 2019-230, соли 2018-111, соли 2017 – 60, соли 2016 –54), ҷумҳуриявӣ 357 (соли 2022-346 соли 2020-300, соли 2019-240, соли 2018-210, соли 2017– 120, соли 2016 –110) ва умумидонишгоҳӣ 177 (соли 2022-142 соли 2020-125, соли 2019-120, соли 2018-119, соли 2017–18, соли 2016–16) баромад кардаанд.

Дигар аз самтҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорони факултетро институти унвонҷуйӣ ва докторанти PhD ташкил медиҳад. Дар факултети ҳуқуқшиносӣ 107 нафар унвонҷӯй айни ҳол таҳсил менамоянд. Ҳамзамон дар факултет 50 докторанти PhD таҳсил менамоянд.

Яке аз дастовардҳои беназир дар соли ҳисоботӣ ин фаъолияти Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 ва 6D.КОА-019 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Боиси хушнудӣ аст, ки дар Шуроҳои зикргардида устодони факултет, аспирантон, унвонҷуён ва докторантони PhD рисолаҳои докторӣ, номзадӣ ва доктор PhD-ии хешро ҳимоя намудаанд.

Устодони зерини факултет рисолаҳои доктории хешро ҳимоя намудаанд:

1. Санаи 07.03.2023 дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ»;
2. Санаи 25.04.2023 дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ Камолзода Илҳом Икром «Нормативно-правовые акты в системе источников права РТ: проблемы теории и практики»;
3. Санаи 15.06.2023 дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ Қурбонализода Нурулло Шамсулло дар мавзуи «Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
4. Санаи 29.06.2023 дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ Қосимов Фаррух Абдулмуминович дар мавзуи «Муносибатҳои ҳуқуқии саҳомӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ»;
5. Санаи 30.09.2023 дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Абдуллозода Парвиз Саъдулло дар мавзуи «Теоретические и практические подходы к международному сотрудничеству в сфере уголовного процесса в постсоветских государствах».

Устодони зерини факултет рисолаҳои номзадии хешро ҳимоя намудаанд:

1. Санаи 24.12.2022 ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Каримов Даврон Бобомуродович дар мавзӯи«Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан»;

2. Санаи 11.02.2023 ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ Давлатов Бахтиёр Саидакбарович дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

3. Санаи 18.02.2023 ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Мирзоев Қобилҷон Холмуродович дар мавзуи «Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ ва муқовимат бо он»;

4. Санаи 21.03.2023 муаллими калони кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ Буриев Акмал Раҷабалиевич дар мавзӯи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқии граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон».

5. Санаи 29.04.2023 ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

6. Санаи 27.05.2023 ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ»;

Дар баробари омӯзгорони штатӣ, инчунин аспирантон, унвонҷуён ва докторантони зерини факултет ва берун аз факултет рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ва номзадии хешро дифоъ намуданд:

| № б/т | Ном, насаб ва номи падар | Навъи рисола | ихтисос |
|---|---|---|---|
| **ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНӢ 6D.KOA-019** | | | |
| **1.** | Муродзода Фирӯза Рузибой | номзадӣ | 12.00.08 |
| **2.** | Иброҳимзода Иброҳимҷон Солеҳ | номзадӣ | 12.00.09 |
| **3.** | Одиназода Носир Садир | номзадӣ | 12.00.08 |
| **4.** | Оралбаев Ҳамза Ҳайдарович | номзадӣ | 12.00.08 |
| **5.** | Абдуллозода Ҷамолиддин Абдусаломович | номзадӣ | 12.00.08 |
| **6.** | Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович | номзадӣ | 12.00.08 |
| **7.** | Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод | номзадӣ | 12.00.08 |
| **8.** | Ёров Ёрмаҳмад Ҳакимович | номзадӣ | 12.00.08 |
| **9.** | Раҳмадҷонзода Рифат Раҳматҷон | докторӣ | 12.00.09 |
| **10.** | Шарифзода Шарифбек Мурод | номзадӣ | 12.00.08 |
| **11.** | Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз | номзадӣ | 12.00.02 |
| **12.** | Хоҷазода Фурқат Файзали | номзадӣ | 12.00.08 |
| **13.** | Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна | номзадӣ | 12.00.08 |
| **14.** | Ҳайдарова Азизахон Иргашовна | номзадӣ | 12.00.08 |
| **15.** | Аминзода Зокирҷон Тоҳир | номзадӣ | 12.00.08 |
| **16.** | Абдуллаева Рано Абдуалиевна | докторӣ | 12.00.08 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **17.** | Муқимов Сафарбек Давлатбекович | номзадӣ | 12.00.08 |
| **18.** | Абдуллоева Мадина Камоловна | номзадӣ | 12.00.08 |
| **ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНӢ 6D.КОА-018** | | | |
| 1. | Холмахмадзода Солеҳа | номзадӣ | 12.00.03 |
| 2. | Аминова Фарида Маҳмадаминовна | докторӣ | 12.00.03 |
| 3. | Сайнозимзода Фирӯз Сайнозим | номзадӣ | 12.00.01 |
| 4. | Шарифзода Муҳаммадӣ Шариф | номзадӣ | 12.00.01 |
| 5. | Хамроев Шухратжон Садирович | докторӣ | 12.00.01<br>12.00.03 |
| 6. | Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед | номзадӣ | 12.00.01 |
| 7. | Саидзода Тоҷиддин | номзадӣ | 12.00.03 |
| 8. | Алимзоды Шахлохон Абдусалом | номзадӣ | 12.00.01 |
| 9. | Аслонзода Сорбон Низомидин | номзадӣ | 12.00.01 |
| 10. | Бобохонов Фариддун Аламшоевич | номзадӣ | 12.00.01 |
| 11. | Ҳоҷибоева Нигора Дадоевна | PhD | 6Д0301001 |
| 12. | Радабзода Сорбон Абдусалом | номзадӣ | 12.00.01 |
| 13. | Саркоровой Шакины Сабзаевны | номзадӣ | 12.00.01 |
| 14. | Мамадамонава Умеда Мулкамоновича | номзадӣ | 12.00.10 |
| 15. | Давлатов Хизр хакимович | номзадӣ | 12.00.10 |
| 16. | Абдулхайрзода Ҷамила | номзадӣ | 12.00.01 |
| 17. | Болтуев Умедҷон Самадович | номзадӣ | 12.00.03 |
| 18. | Пурге Анны Роландовны | докторӣ | 12.00.03 |
| 19. | Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзуи | номзадӣ | 12.00.01 |
| 20. | Файзализода Бахтиёр Файзалӣ | номзадӣ | 12.00.01 |
| 21. | Кодирзода Мирзокодир Аюб | номзадӣ | 12.00.01 |
| 22. | Одинаевой Нилуфар Мухаммадиевны | номзадӣ | 12.00.03 |
| 23. | Рофиева Азиза Ҳамдамовна | номзадӣ | 12.00.03 |
| 24. | Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ | номзадӣ | 12.00.03 |
| 25. | Нигора Абдугафор | номзадӣ | 12.00.03 |
| 26. | Атаев Акмалхон Саидумарович | номзадӣ | 12.00.03 |
| 27. | Нозакзода Зулфия Загирдавлат | номзадӣ | 12.00.03 |
| 28. | Болтуева Машҳурахон | номзадӣ | 12.00.01 |
| 29. | Раҳматзода Далер Талбак | номзадӣ | 12.00.03 |

Қобили зикр аст, ки дар дар соли ҳисоботи дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 ва 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 58 рисола: аз ин шумора 10 рисолаи докторӣ, 47 рисолаи номзадӣ ва 1 рисолаи докторанти PhD ҳимоя гардидаанд. Метавон бо боварии комил қайд кард, ки соли 2023 фаъолияти Шуроҳои мазкур самарабахш буда, барои рушди илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муассири худро гузошта истодааст. Зиёда аз ин, дар Шӯрои диссертатсионие, ки дар заминаи факултети ҳуқуқшиносӣ таъсис дода шудааст нафарони зиёде рисолаҳои номзадии худро ҳимоя намуданд.

Умуман дар факултети ҳуқуқшиносӣ 115 нафар омӯзгорони дараҷаи илмидошта фаъолият мекунанд, ки ин 66.47%–ро ташкил медиҳад. Агар мо ба ҳафт соли охири фаъолияти факултети ҳуқуқшиносӣ (2023,2022,2021,2020,2019,2018,2017,2016) назар афканем шумораи умумии омӯзгорон, аспирантон ва унвонҷӯён, ки дифоъ кардаанд 174 нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор 25 нафар рисолаи докторӣ, 147 нафар рисолаи номзадӣ ва 2 нафар рисолаи докторанти PhD дифоъ кардаанд. Дар солҳои истиқлолият 39-рисолаи докторӣ, 261 рисолаи номзадӣ ва 3 рисолаи докторантони PhD дар маҷмӯъ 303 рисола ҳимоя карда шудааст.

Дар соли ҳисоботӣ омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ дар зиёда аз 430 барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ вобаста ба масъалаҳои гуногун бахшида ба рӯзи Артиши миллӣ, 26 солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ, 32–умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 29–умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷлили рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи Парчами давлатии - ва ғайра дар телевизиони давлатии Сафина, Шабакаи аввал, Ҷаҳоннамо, Баҳористон, Радиои Ховар, Радиои Тоҷикистон, Садои Душанбе ва ғайра баромад ва суҳбатҳо намуданд.

Тибқи рӯйхат, ки аз ҷониби декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ тасдиқгардидааст 70 нафар омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ барои баромад дар мавзӯъҳои вобаста ба Конститутсия, Рузи Президент, иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ ва Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Президенти ҶТ, Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ, Рузи модар, Иди байналмилалии Наврӯз, ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, оила, ҷавонон, ҳифзи кӯдакон, Ваҳдати миллӣ, ҳуқуқи шахсони маъюб, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, амнияти иттилоотӣ ва дигар мавзӯъҳои мубрами ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дар телевизион, радио, баромадҳои оммавӣ дар вазорату идора ва дигар сохторҳои давлатӣ ҷалб шудаанд.

Чунончи, санаи 5-уми ноябри соли 2023 аз ҷониби телевизиони “Тоҷикистон” пахши мустақим оид ба Рӯзи қабули Конститутсияи ҶТ ташкил карда шуд, ки дар он 8 нафар омӯзгор ва 4 нафар донишҷӯён иштирок ва баромад намуданд.

Ҳамзамон санаи 24-уми ноябри соли 2022 аз ҷониби телевизиони “Тоҷикистон” пахши мустақим оид ба Рӯзи Парчами давлатии ҶТ ташкил карда шуд, ки дар он 6 нафар омӯзгор ва 5 нафар донишҷӯён иштирок ва баромад намуданд.

Дар маҷмӯъ дар моҳи ноябри соли 2022 зиёда аз 60 нафар омӯзгорон ва тақрибан 130 нафар донишҷӯёни факултет дар барномаҳои гуногун бахшида ба мавзӯи Конститутсия ва дигар мавзӯъҳои мубрами ҳуқуқӣ дар вазорату идора, кумита, донишгоҳу донишкадаҳо ва дигар муассисаҳо, Телевизионҳои Тоҷикистон, Сафина, Ҷаҳоннамо, Синамо, Душанбе, радиоҳои Тоҷикистон, Садои Душанбе, Ховар, Фарҳанг ва ғайра баромад намуданд.

Инчунин, зиёда аз 300 нафар донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар барномаи телевизионии шабакаҳои Тоҷикистон, Сафина, Баҳористон ва ғ. ба ифтихори таҷлили Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 31-солаги Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «28-солагиии Рӯзи қаблуи Конститутсияи ҶТ», мусоҳиба анҷом доданд. Ҳамчунин 40 нафар устоди факултет дар радиои Тоҷикистон иштирокчии мусоҳиба буданд. Бояд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ зиёда аз 50 нафар устоди факултет беш аз 240 мусоҳибаҳои телевизионӣ анҷом додаанд.

Ҳамзамон мақолаҳои омӯзгорони факултет оид ба ҷашнҳои зикршуда дар рӯзномаҳои “Ҷумҳурият”, “Ҷавонони Тоҷикистон”, “Паёми Душанбе” “Минбари ҳуқуқшиносӣ” ва сомонаҳои иҷтимоӣ, махсусан саҳифаи фейсбукии факултет ба нашр расиданд. Чунончи дар саҳифаи фейсбукии факултет оид ба ҷашни Истиқлоли давлатии ҶТ, Рӯзи забони давлатии ҶТ, рӯзи қабули Конститутсияи ҶТ 30-юмин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии ҶТ, Рӯзи Президенти ҶТ (16 ноябр), оид ба ҷашни Парчами давлатии ҶТ, Рӯзи Артиши миллӣ, Рузи модарон, Ҷашни наврӯз ва Рӯзи ваҳдати миллӣ зиёда аз 70 мақолаҳои омавӣ аз ҷониби омӯзгорони факултет ба нашр расонида шуд.

Боиси хушнуди аст, ки дар таърихи факултети ҳуқуқшиносӣ бори нахуст дар соли ҳисоботӣ устодони факултет соҳиби чунин мансабҳо дар кафедра гардидаан. Аз ҷумла: 2-нафар профессори кафедра, 14-нафар дотсенти кафедра ва 24-нафар муаллими калони кафедра.

Ҳамзамон дар соли ҳисоботӣ дар асоси пешниҳоди садорати факултети ҳуқуқшиноси ва Фармоиши Ректори донишкадаи такмили ихтисоси назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон аз 30 майи соли 2023 №69 32 нафар устодони факултет аз курси такмили ихтисос гузашта, соҳиби диплом аз рӯйи равияи ҳуқуқшиносӣ гардиданд.

Барои факултети ҳуқуқшиносӣ рӯзи 30.01.2023 яке аз рузи хотирмон ба ҳисоб меравад. Др ин рӯз бо мақсади тарбияи насли наврас дар рӯҳияи худшиносӣ бо дастгирии роҳбарияти Донишгоҳи миллӣ ва ташаббуси садорати факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ дар пояи факултети ҳуқуқшиносӣ Осорхона кушода шуд.

Дар ифтитоҳи Осорхонаи факултети ҳуқуқшиносӣ ректори ДМТ, д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х. ва ҳайати устодону кормандони факултет иштирок намуданд.

Зимнан таъкид шуд, ки Осорхонаи факултет дар утоқи барҳавою озода таъсис дода шудааст. Дар он дастовардҳои факултет дар тӯли солҳои фаъолияташ ҷамъоварӣ шудаанд. Он иборат аз таҷҳизоту воситаҳои техникии замонавӣ мебошад. Дар осорхонаи мазкур осори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мукофоту дастовардҳое, ки факултет барои нақши фаъол доштанаш дар амалисозии сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат сарфароз шудааст, нигоҳдорӣ мешаванд.

Инчунин, дар осорхона таҷҳизоти муосир барои баргузории дарсҳои маҷозӣ (онлайнӣ), видеоконференсияҳо ва дигар чорабиниҳо насб шудааст, ки он имконият медиҳад, омӯзгорону донишҷӯёни факултет ба таври маҷозӣ дар озмуну олимпиада, конференсияву семинарҳои байналмилалӣ иштирок намоянд. Ҳамзамон, дар осорхонаи мазкур сабти дарсҳои онлайнӣ ва видеодарсҳо низ дар назар дошта шудааст.

Ёдрас мешавем, ки осорхона аз гӯшаҳои гуногун, аз ҷумла гӯшаи Асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, деканони факултет, ёде аз таърихи факултет, ёде аз гузаштагони факултет, дастовардҳои ҳаёти таълимии факултет, ҳамкориҳои факултет, дастовардҳои илмии факултет, ҳаёти варзишии факултет иборат мебошад. Тамошои осорхона ҳисси худшиносию ватандӯстӣ, ифтихормандӣ ва завқи эстетикиро дучанд менамояд.

Ҳамзамон, ҳамин рӯз низ, барои ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллӣ рӯзи хотирмону таърихӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин рӯз бо дастгирии ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. дар факултет ифтитоҳи синфхонаи Клиникаи ҳуқуқӣ бо фазои кории барҳавою замонавӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Дар ифтитоҳи Клиникаи ҳуқуқӣ намояндагони сохторҳои гуногуни донишгоҳ ва ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуданд. Ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. таъсис додани Клиникаи ҳуқуқиро иқдоми нек арзёбӣ намуда, қайд кард, ки он барои такмили донишҳои ҳуқуқии ҳам шаҳрвандон ва ҳам донишҷӯён, инчунин, дар самти пайвастани илм бо амалия саҳми назарраси худро хоҳад гузошт.

Қобили қайд аст, ки Клиникаи ҳуқуқӣ дар самтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, гражданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, соҳибкорӣ, мурофиавӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар рафти тафтишот ва мурофиаҳои судӣ ва дигар самтҳои муҳимми ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ба шаҳрвандон машварат ва кумаки ҳуқуқӣ мерасонад. Фаъолияти клиникаи ҳуқуқӣ аз ҷониби устодони пешбар ва донишҷӯёни фаъоли факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба роҳ монда мешавад.

Бояд гуфт, ки фаъолияти клиника ба чунин самтҳо равона гардидааст: алоқаманд намудани назария бо амалия ва илм бо истеҳсолот; баланд бардоштани маҳорату малака ва хулосабарории донишҷӯёни ҳуқуқшинос дар масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ; баланд бардоштани касбият ва этикаи касбии ҳуқуқшиносони оянда; дар зеҳну тафаккури донишҷӯён бедор намудани эҳсоси масъулият ва ҳавасмандсозии онҳо ҷиҳати амиқтар аз бар намудани соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ; дастгирӣ ва кумак барои анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ; фароҳам овардани шароити мусоид дар самти гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯён; расонидани ёрии ҳуқуқии касбӣ ба шаҳрвандони камбизоат; сохтани барномаҳои маълумотдиҳанда барои

оилаҳои камбизоат; баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ; расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти таҳияи санадҳои ҳуқуқӣ; расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ; ташкил ва баргузор намудани семинарҳо, конференсияҳо ва мизҳои мудаввар дар самти ҳуқуқшминосӣ; нашри маълумот ва машваратҳои ҳуқуқӣ дар ВАО; ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, махсусан мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; ҳамкорӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; ба роҳ мондани робита бо дигар марказҳои ёрии ҳуқуқӣ; ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ташкилоту муассисаҳои хориҷӣ дар самти расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва ғ. Дар ин баробар, бо мақсади баланд бардоштани марифати ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла донишҷӯён байни клиникаи ҳуқуқии мазкур бо донишгоҳҳои дигар ҳамкори ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, дар таърихи рӯзи 20 сентябри соли 2023 бо иштироки донишҷӯёни Донишгоҳи байнанлмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар клиникаи ҳуқуқии мазкур аз ҷониби профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Искандаров З.Ҳ. семинари таълимӣ гузаронида шуд.

Дар клиникаи ҳуқуқӣ шароит муҳаё шудааст, ки шаҳрвандони эҳтиёҷманд метавонад дар шакли ҳузурӣ ва фосилавӣ (тариқи телефон) машварати ҳуқуқӣ гиранд. Фаъолияти клиникаи ҳуқуқӣ аз давраи таъсис назаррас арзёби мегардад. Машваратчиёни клиникаи ҳуқуқӣ дар давраи ҳисоботи ба 81 шаҳрвандони эҳтиёҷманд, ба 43 нафар дар шакли ҳузурӣ ва 38 нафар дар шакли фосилавӣ, машварати ҳуқуқӣ додаанд.

Инчунин, рӯзи 1 ноябри соли 2023 дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон толори маҷлиси судии таълимӣ ифтитоҳ гардид. Толори мазкур дар заминаи сиёсати созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси баланд бардоштани сифати таълим ва таҳкими робитаи илм бо амалия бо кумаку дастгирӣ ва ташаббусҳои бевоситаи ректори ДМТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт азнавсозӣ шуда дар рӯзҳои таҷлили ҷашни бошукӯҳи 29-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Дар кори он ректори ДМТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.; раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Худоёрзода Б.Т., судяи Суди Конститутсионии ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ҷамшедзода Ҷ.Н.; директори маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии ҶТ Завқизода С.А.; прокурори Раёсати Прокуратураи генералии ҶТ, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шаҳидуллозода Муҳаммадвалӣ; муовини Директори филиали

Донишгоҳи давлатии Москва дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М.; сардори факултети № 2-и Академияи ВКД ҶТ, подполковники милитсия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Мансурзода А.М., намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва васоити ахбори омма иштирок доштанд. Толори мазкур бо тамоми маводҳои зарурии таълимӣ, аёниятҳо, доскаи электронӣ, шиору овезаҳои дахлдор, шабакаи интернет, маводҳои ҷамъбастии амалия ва омори судӣ, қарорҳои Пленум, нашрия ва дигар санаду қарорҳои дахлдори Суди Олӣ таъмин мебошад. Таъсиси он дар шароити кунунӣ амри зарурӣ буда ҷиҳати сайқал додан маҳорат, санъати суханварӣ, дониш ва малакаи касбии донишҷуён аз ҳар ҷиҳат мусоидат менамояд.

**2. Қисми I**

Соли 2023 марҳилаи 3-юми нақшаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии солҳои 2021–2025 ба шумор рафта, корҳои илмӣ дар 11 кафедра аз рӯи 11 самт, 11 масоил ва 11 мавзӯъ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Равандҳои илмии фаъолияти илмӣ–таҳқиқотии факултети ҳуқуқшиносӣ чунинанд:

1. **Самтҳо:**

1.1. Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, самтҳо ва дурнамои инкишофи ҳаёти давлатию ҳуқуқии Тоҷикистон дар шароити таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ҳимояи амният ва манфиатҳои миллӣ;

1.2. Ҷои ҳуқуқи гражданӣ дар низоми миллии ҳуқуқӣ;

1.3. Масъалаҳои татбиқшавии институтҳои ҷиноят ва ҷазо дар замони муосир;

1.4. Масъалаҳои рушди ҳуқуки мурофиавӣ, фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолият оид ба ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва криминология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

1.5. Масъалаҳои мубрами назариявӣ ва амалии ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи сайёҳӣ;

1.6. Масили рушди падидаҳои ҳуқуқи контитусионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

1.7. Татбиқи ҳуқуқи байналмилалии омавӣ ва хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

1.8. Истифодаи технологияи иттилоотӣ-компютерӣ ва мултимедиявӣ дар партави талабот нисбат ба таълими забонҳои хориҷӣ;

1.9. Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;

1.10. Танзими ҳуқуқии рушд ва инкишофи ҳуқуқи нақлиёт, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи кишоварзӣ, ҳуқуқи замин ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ;

1.11. Масъалаҳои мубрами илми криминалистика ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

2. **Масоилҳо:**

2.1. Проблемаҳои назариявии инкишофи низоми давлатӣ-ҳуқуқи тоҷикистон дар шароити таҳдиду хатарҳо ба амният ва манфиатҳои миллӣ;

2.2. Ҳуқуқи граждании ва масъалаҳои рушди устувор;

2.3. Инъикоси самаранокии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

2.4. Коркарди хулосаву нуктаҳои илмӣ ва дар ин замина таҳияи тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати такмили қонунгзории ҷумҳурии тоҷикистон дар самти фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолият оид ба ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тақвияти мубориза бо ҷинояткорӣ;

2.5. Бавуҷудоӣ ва рушди институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи саёҳӣ;

2.6. Рушди падидаҳои конститутусионализм ва давлатдории миллӣ, равандҳои демократӣ, таъмини ҳуқук ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, такмили қонунгузорӣ дар таъмини амалисозии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2.7. Танзими оммавӣ-ҳуқуқӣ ва хусусӣ-ҳуқуқии муносибатхои байналмилалӣ;

2.8. Ташаккул ва инкишофи маҳорату малакаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ;

2.9. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии низоми ҳуқуқии миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ;

2.10. Рушд ва инкишофи танзими хусусӣ – ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи нақлиёт, кишоварзӣ, экологӣ, замин ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, инчунин амалия ва назарияи онҳо;

2.11. Проблемаи тафтиши ҷиноятҳо муқобили ҳаёт.

**3. Мавзӯъ ва роҳбари илмӣ:**

3.1. Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ-методологии рушди давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон дар шароити татбиқи модели нави рушди устувор (роҳбарони илмӣ проф. Шарофзода Р.Ш). Таҳқиқи умуминазариявии заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ-методологии рушди давлат ва ҳуқуқи тоҷикон, вазъи кунунӣ, самтҳо ва дурнамои инкишофи ҳаёти давлатию ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити татбиқи модели нави рушди устувор. Нашри мақолаҳо, монографияҳои илмӣ, китобхои дарсӣ, васоити таълимӣ, анҷоми бандҳо ва бобҳои дахлдори диссертатсияҳои номзадиву докторӣ, омода намудани конфронсҳои илмию амалӣ, баромадҳо дар конфронсҳо;

3.2. Нақши ҳуқуқи граждании дар амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллӣ (роҳбари илмӣ: д.и.ҳ., профессор Ғаюров Ш.К.). Бо инкишофёбии вазъи инсон дар ҳама соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, амалӣ шудани арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ талабот ба танзими ҳуқуқи граждании зиёд мегардад. Сухан оид ба васеъшавии предмети танзими ҳуқуқи граждании меравад. Бинобар ин, зарурати таҳрири нави КГ ба миён омад. Дар чунин ҳолат, яке аз вазифаҳои мутахассисони ин соҳа дар он аст, ки падидаҳои навро (иттилоот, ҳуқуқ

ба ҳаёти хусусӣ, ҳуқуқ ба истифодаи қитъаи замин, об ва ғайраро) мавриди таҳқиқ қарор дода, донишҳои мавҷударо таҷдиди назар намуда, барои такмили таълимоти соҳавӣ ва инкишофи қонунгузории ҶТ таклифҳои судманд намоянд. Ҳамчун натиҷа хулосаҳои ташхисӣ, мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва дигар асарҳо ба табъ расонида мешаванд;

3.3. Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (роҳбари илмӣ: д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И.). Дар ин марҳала баррасии проблемаҳои назариявӣ ва амалияи татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, таҳлили ҳаматарафаи инъикоси сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ба табъ расонидани монография мавриди баррасӣ қарор дода шудааст;

3.4. Масъалаҳои инкишофи назария ва такмили амалияи ҳуқуқи мурофиавӣ, тақвияти ҳокимияти судӣ, самаранокии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигар оид ба ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва коркарди роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (роҳбари илмӣ: н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т.). Дар ин марҳила дар заминаи омӯзиши назарияҳои илмӣ, таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намудан ба инкишофи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии граждании, мурофиа дар судҳои иқтисодӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ, ҳуқуқи судӣ, ёрии ҳуқуқӣ ва адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба даст овардани хулосаҳои илман асоснок, дар асоси онҳо тавассути мақолаҳову рисолаҳо пешниҳод намудани назарияву таклифоти нав бахри инкишофи ҳуқуқи мурофиавӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ ва криминология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тадқиқоти омӯзгорон қарор гирифт;

3.5. Таҳқиқи назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ ва сайёҳӣ ҳуқуқи сайёҳӣ (роҳбари илмӣ: д.и.ҳ., профессор Сангинов Д.Ш.). Омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар ин марҳила таҳқиқи масоили марбут ба назария ва амалияи танзими шартномавӣ ва иҷрои уҳдадориҳо дар бахши соҳибкорӣ ва саёҳӣ ва дар ин замина кор карда баромадани хулосаҳои асосноки илмӣ, пешниҳод ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузориро мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор доданд;

3.6. Масъалаҳои ҳуқуқи конститутсионии танзим ва амалишавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва такмили қонунгузорӣ (роҳбари илмӣ д.и.ҳ., профессор Диноршоҳ А.М.). Дар соли ҷорӣ аз ҷониби омӯзгорони кафедра масоили такмили соҳибихтиёрии халқ, давлат ва шаклҳои таҷассуми он; усулҳои асосии ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ; интихобот ва низоми он; вазъи ҳуқуқии вакилон ва намояндагони ҳокимияти давлатӣ; вазъи конститутсионӣ–ҳуқуқии инсон, шаҳрванд, мақомоти давлатӣ ва хидматчиёни он; асосҳои конститутсионӣ–ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ мавриди таҳқиқ арзёбӣ мешаванд.

Натиҷаҳои онҳо дар монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ инъикос меёбанд. Ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ аз фанҳои кафедра, аз ҷумла аз фанҳои тахассусӣ истифода карда мешаванд;

3.7. Масоили назариявии ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ (роҳбари илмӣ: н.и.ҳ., дотсент Саидов Ҳ.Х.). Яке аз асосҳои танзими муносибатҳо бо унсури хориҷӣ меъёри коллизионӣ мебошад. Таъйиноти асосии меъёрҳои коллизионӣ муайян кардани татбиқи низоми ҳуқуқӣ дар танзими муносибати ба вуқуъ омада мебошад. Вобаста ба инкишофи иқтисодиёт дар раванди ҷаҳонишавӣ, инкишофи соҳибкорӣ ва тиҷорати байналмилалӣ нақши меъёри коллизионӣ дар татбиқи ҳуқуқи миллӣ ва хориҷӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ меафзояд. Бо чунин назардошт омода намудани маводҳои илмӣ, ширкат дар конференсияҳои сатҳи гуногун ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузорӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шуд;

3.8. Стратегияи инкишоф ва муосиргардонии мазмуни фаъолияти таълимӣ дар партави талаботи навини таълими забонҳои хориҷӣ дар омода намудани ҳуқушиносони оянда (Роҳбари илмӣ н.и.ф., дотсент Назарова З.А.). Ташкили заминаи таълими илмӣ-методии забонҳои хориҷӣ бо истифодаи тадбирҳои ҳамаҷонибаи низомнок бо дарназардошти фаъолияти касбии донишҷӯён. Коркарди тадбирҳои ҳамаҷонибаи назарияи умумии ташаккул ва инкишофи маҳорату малакаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар раванди таълим;

3.9. Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ (роҳбари илмӣ д.и.ҳ., профессор Азиззода У.А). Дар натиҷаи таҳлили муқоисавии низомҳои ҳуқуқии амалкунандаи ҷаҳони муосир, омӯзиши таҷрибаи амалии пешқадам дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи инсон ба Ҳукумат, парлумон ва дигар мақомотҳои босалоҳияти кишвар таклифҳои илман асоснок пешниҳод мегардад;

3.10. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими умумӣ ва хусусӣ-ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи нақлиёт, экологӣ, кишоварзӣ, замин ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии (роҳбари илмӣ н.и.ҳ., дотсент Қурбонов Қ.Б.). Таҳқиқи проблемаҳои назариявӣ ва амалии танзими оммавӣ ва хусусӣ–ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши нақлиёт, кишоварзӣ, экологӣ, замин ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, инчунин дар ин замина коркарди хулосаҳои асосноки илмӣ, таклиф, пешниҳод ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Табъу нашри силсилаи мақолаҳои илмӣ, китоби дарсӣ, монография ва навиштани рисолаҳои илмӣ дар ин самтҳо;

3.11. Тафтиши ҷиноятҳо муқобили ҳаёт (Роҳбари илмӣ: н.и.ҳ., дотсент Назаров А.Қ.). Дар ин марҳила проблемаҳои инкишофи методикаи тафтиши ҷиноятҳо муқобили ҳаёт, тактикаи гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ, коркарди усулҳои муайян намудани

ҳолатҳои алоҳидаи ҷиноят ва тайёр намудани монография мавриди таҳқиқот қарор дода шуданд.

**3. Қисми II.**

Нишондодҳои муҳимми инкишофи корҳои илмию таҳқиқотӣ дар ҷадвалҳо инъикос мегардад (Ҷадвалҳо замима мегарданд).

**4. Қисми III.**

Самаранокии корҳои илмию таҳқиқотии омӯзгорон.

Соли 2023 аз нигоҳи самарнокии корҳои илмию таҳқиқотии омӯзгорон, яке аз солҳои пурбарор ба ҳисоб меравад. Дар соли 2023 – 864 маводҳои чопӣ (соли 2022 – 603, соли 2021-683, соли 2020 -759, соли 2019–927, соли 2018–807, соли 2017 – 634, соли 2016 – 617) ба нашр расонида шудааст. Аз ин шумора:

1. Монография – 31 аз ҷумла 2- монография дар хориҷа (соли 2022 – 30, соли 2021-37 аз ин 3 тоаш дар хориҷа, соли 2020-61, соли 2019 – 56–аз ин 2 – тоаш дар хориҷа, соли 2018-43 аз ин 2–тоаш дар хориҷа, (соли 2017 – 29–аз ин 3–тоаш дар хориҷа), (соли 2016 – 28–аз ин 3 – тоаш дар хориҷа);
2. Автореферат ва диссертатсияҳо –54 (соли 2022-28, соли 2021-31).
3. Китоби дарсӣ – 13 (соли 2022-6, соли 2021-6, соли 2020-1, соли 2019–7, соли 2018–8, соли 2017 –11, соли 2016 – 3);
4. Васоити таълимӣ – 23 (соли 2022-23, соли 2021-23, соли 2020-39, соли 2019–32, соли 2018–33, соли 2017 – 42, соли 2016 – 46);
5. Дастури таълимию методӣ – 124 (соли 2022-19, соли 2021-24, соли 2020-10, соли 2019–18, соли 2018–27, соли 2017 – 15, – соли 2016 – 22);
6. Фишурда – нест (соли 2021-144, соли 2020-129, соли 2019–114, соли 2018–86, соли 2017– 26, соли 2016 – 37);
7. Мақолаи илмию – оммавӣ 568 (соли 2022-476, соли 2021-416, соли 2020-519, соли 2019–700, соли 2018–610, соли 2017 – 511, соли 2016 – 481);
8. Маҷаллаҳои Scopus ва Web of Science - нест.

Дар факултети ҳуқуқшиносӣ тули солҳои 2016, 2017, 2018, 2019, 2020, 2021, 2022 ва 2023 зиёда аз 5843 маводҳои илмӣ ба табъ расиданд, ки онро 315 монография, 115 автореферату диссертатсияҳо, 55 китоби дарсӣ, 261 воситаи таълимӣ, 259 дастури методӣ, 556 фишурда, 4281 мақолаҳои илмию оммавӣ ва 1 мақола дар Scopus ва Web of Science ташкил медиҳад.

Соли 2023 дар факултети ҳуқуқшиносӣ 4 маҷаллаи илмӣ – иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» (Правовая жизнь) таҳти № 1, № 2, №3, №4 ва нашри 4 маҷаллаи илмӣ–амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» (Государствоведение и права человека) таҳти №1, №2, №3, №4 аз чоп баромаданд. Дар шумораҳои зикргардида мақолаи илмӣ, тафсир, тақриз, ёддоштҳои омӯзгорони факултет ва олимони барҷастаи Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Афғонистон, Эрон, Олмон, Украина, Беллоруссия ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба табъ расидаанд. Дар баробари ин 12 шумораи моҳномаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар солҳои ҳисоботии 2022-2023 аз чоп баромаданд, ки дар он зиёда аз 300 мақолаҳои омӯзгорон, кормандони

соҳаҳои гуногун, унвонҷӯён, докторантони PhD ва донишҷӯёни факултет чоп гардидааст.

Қобили зикр аст, ки маҷаллаи илмӣ – иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» ба Шохиси илмии тақризшавандаи Россия аъзо буда, ба Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Россия ва ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар самти ташаккули рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва ташкил намудани шароити мусоид барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ корҳои судмандро анҷом дода истодааст, ки далели ин гуфтаҳо дар асоси Фармоиши №81-и КОА-и назди Президенти ҶТ ба сифати маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ворид гардидани маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» мебошад. Ин дуюмин маҷаллаи илмии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошад, ки ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ шомил мегардад. Маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» дар асоси қарори Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ ва Шӯрои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфта, аз 20-уми январи соли 2016 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0249/МҶ ба қайд гирифта шудааст. Маҷаллаи мазкур дар як сол чор маротиба чоп шуда, муассиси он факултети ҳуқуқшиносии ДМТ буда, рақами ISSN-и он 2414 9217 мебошад. Дар маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» мақолаҳои илмӣ, ки фарогирандаи мавзӯъҳои мубрами соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ мебошанд, нашр карда мешавад ва он дар заминаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносӣ таъсис дода шудааст.

Дар соли ҳисоботӣ устодони кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолона дар додани хулоса ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок намуданд.

- Аз ҷумла, хулосаи экспертӣ дар тайёр намудани лоиҳаҳои Кодекси ҷиноятӣ, Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо коррупсия», Стратегияи муқовимат бо коррупсия барои солҳои 2020-2030, Барномаи муқовимат бо ҷинояткорӣ барои солҳои 2021-2030, Тартиби тафтиши молиявии ҳамзамон профессорон Шарипов Т.Ш. ва Сафарзода А.И. бевосита иштирок намуданд. Профессор Ғаюров Ш.К. дар таҳияи таҳрири нави лоиҳаи КГ ҶТ иштирок намудааст. лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии гражданӣ», лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо», лоиҳаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни ҶТ “Дар бораи истеҳсолоти иҷро”, лоиҳаи Қонуни ҶТ “Дар бораи медиатсия” «Дар бораи хизмати дипломатӣ», «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ», лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», лоиҳаи қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми татбиқи маъёрҳои Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мурофиаи фармонӣ ба миён меоянд», ба лоиҳаи қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳо оид ба манзил, Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 феврали соли 2022, № 54 дар бораи Нақшаи чорабиниҳо барои

солҳои 2022-2023 ҷиҳати амалигардонии Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки дар он ДМТ ҳамчун иҷрокунанда зикр гардидааст, иштирок дар гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни ҶТ "Дар бораи медиатсия", Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 феврали соли 2022, № 54 дар бораи Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2022-2023 ҷиҳати амалигардонии Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки дар он ДМТ ҳамчун иҷрокунанда зикр гардидааст, иштирок дар гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси ҶТ "Дар бораи расмиёти маъмурӣ" дар таҳрири нав (ба сифати аъзо) ва ғ. омӯзгорони факултет иштирок ва хулосаҳо додаанд.

Дар соли ҳисоботӣ донишҷӯёни факултет аз ҷиҳати иштирок дар озмунҳои байналмилалӣ натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварданд: Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли якум нест, ки дар озмуну олимпиадаҳои байналмилалӣ ширкат мекунад ва ҳар сол ҷойҳои намоёнро низ ишғол менамояд.

Имсол аз 3-юм то 15-уми апрел Олимпиадаи байналмилалии маҷозии «Насли бехатар» дар шаҳри Самара баргузор гардид, ки 15 марҳиларо дар бар гирифт. Ҳадафи озмун ҷалб гардидани таваҷҷуҳи ҷавонон ба мушкилоти бехатарии ҳаёт ва рушди маҳорат дар ин самт буд. Дар олимпиадаи мазкур ДМТ –ро донишҷӯени курси 2 Мамаҷонова Азиза ва Ҳалимова Мадина таҳти роҳбарии Муродзода Умедҷон Уктам муаррифӣ намуданд. Имсол дар олимпиада беш аз 2000 нафар аз 85 субъекти Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои хориҷӣ ширкат варзиданд. Қобили зикр аст, ки дастаи олимпӣ дар самти таъмини бехатарии ҳаёт сатҳи баланди омодагӣ ва дониш нишон дода, ба онҳо имкон дод, ки дар Олимпиадаи байналмилалии «Насли бехатар» мақоми фахриро ишғол намоянд. Дар натиҷа донишҷуен, даста ва роҳбари он, Муродзода Умедҷон бо ифтихорнмаҳои фахрӣ сарфароз гардонида шуданд.

Аз 25 то 27 апрел дар шаҳри Екатеринбурги Федератсияи Россия Форуми XIII иқтисодии ҷавонони АвруОсиё баргузор гардид, ки дар он дастаи олимпии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолона иштирок намуданд. Қобили зикр аст, ки даста дар 5 номинатсияи Озмун ширкат варзиданд: роҳҳои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, челленҷ дар сабки Тик-ток: қаҳрамони замони мо, Шаҳр: open the future, амнияти иқтисодӣ бо чашми ҷавонон: таҷрибаи ҷаҳонӣ ва Россия ва ҳуқуқ ва тиҷорат. Дар Озмун зиеда аз 11 ҳазор нафар аз 172 кишвар иштирок карданд, инчунин дар Форум намояндагони 44 кишвар, аз ҷумла Ҳиндустон, Арабистони Саудӣ, Перу, Эквадор, Кения, Аргентина иштирок карданд. Дастаи олимпӣ сатҳи баланди донишу маҳоратро нишон дода, ба дастовардҳои зерин ноил гардид: Муродзода Умед-роҳбари дастаи олимпии факултети ҳуқуқшиносӣ - ҷойи 1-ум дар даври миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2-юм дар финали байналмилалӣ байни олимони ҷавони 172 кишвари ҷаҳон

дар Озмуни"Роҳҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд"; Шабонов Шоҳкарим - ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ - ҷойи 1 - ум дар даври миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар озмуни амнияти иқтисодӣ бо чашми ҷавонон: таҷрибаи ҷаҳонӣ ва русӣ. Шабонов Шоҳкарим инчунин бо дипломи "Иштирокчии хориҷӣ" - ро сарфароз гардонида шуд; Ибрагимов Муҳаммадчон - донишҷӯи курси 3-юми факултети ҳуқуқшиносӣ - ҷойи 1-ум дар даври миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар озмуни ҳуқуқ ва тиҷорат. Ҳамакнун бо ифтихорномаи фахрӣ сарфароз гардонида шуд; Мамаджанова Азиза - донишҷӯи курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ - ҷойи 1-ум дар даври миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар озмуни Челлендж дар сабки Тик-ток дар номинатсияи Омӯзгор қаҳрамони замони мо. Ҳамакнун, барои иштирок фаъолона бо сипоснома сарфароз гардонида шуд; Оқилова Снежелана - донишҷӯи курси 2 - юми факултети ҳуқуқшиносӣ ҷойи 1-ум дар даври миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар озмуни Шаҳр: Open the future. Ҳамзамон, дар пахши маҷозии маросими мукофотсупории форуми мазкур баргузор гардид, ки дастаи донишҷӯёни ДМТ аз ҷониби ректори донишгоҳ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. қадрдонӣ шуданд.

Донишҷӯи курси 3-юми факултети ҳуқуқшиносӣ, ихтисоси 26010200 Ҳасанова Маликаро пирӯзи Озмуни байналмилалии корҳои илмии «Лидерони ИДМ» гардид. Ёдовар бояд шуд, ки санаи 14 октябри соли 2023 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон маросими супоридани ҷоизаҳои дараҷаи олӣ ба ғолибон баргузор гардид.

Қобили зикр аст, ки аз соли 1994 то инҷониб аз ҷониби Барномаи Рушди Ҳуқуқи Тиҷоратии Вазорати Тиҷоратии Амрико олимпиадаи байналхалқӣ зери унвони «Willem C. Vis International Commercial Arbitration Moot (Виллем С. Вис Мути Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ)» баргузор мегардад, ки дар кори он зиёда аз 400 намояндагони донишгоҳои давлатҳои ҷаҳон ширкат меварзанд. Боиси ифтихор аст, ки имсол бори дуюм аст, ки дар кори ин олимпиадаи байналхалқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ДМТ ба хусус донишҷуёни курси 4-юми шуъбаи муносибатҳои байналхалқӣ ва умумии Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ: Исоматов Фаридун, Собирзода Фозилҷон, Нематова СоҳибҷамолИброҳимов Муҳама ва Достзода Гулафзо бевосита ва Саидзода Фируз ва Шарифзода Суруш ба тариқи маҷозӣ намояндагӣ намуданд. Дар "Марҳилаи I-уми таълимии ин олимпиада, ки ҳамасола дар ҳар кишвар баргузор мегардад, 5 нафар донишҷуёни ихтисоси болозикр аз 26 октябри то 2 ноябри соли 2023 дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон ширкат варзида, хушбахтона ба даври дуюми он, ки дар моҳи марти 2024 дар шаҳри Остонаи Қазоқистон баргузор мегардад, роҳхат ёфта. Бовари комил дорем, ки донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар марҳилаи 2-юми комёб гардида, барои иштирок ба даври ниҳоии он нимаи дуюми моҳи марти соли 2024 дар шаҳри Гонкон ширкат намуда, сазовори ҷойи намоён мегарданд.

Имрӯзҳо дар саросари кишвари азизамон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу савияи дониши шаҳрвандон, бедор намудани эҳсоси ватандӯстии тамоми аҳолии кишвар, давлату ҳукумати соҳибистиқлоламон таҳти сарпарастии бевоситаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявиро марҳила ба марҳила баргузор намуда истодааст. Тули чанд сол мешавад ки иштироки донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон дар озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ назаррас ва қобили таҳсин аст. Махсусан, дар соли 2023 дар озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст“ донишҷуи курси 3-юми гурӯҳи умуми (русси) аз наминатсияи “Хондан ва аз бар намудани осори дабиёти ҷаҳон” сазовори ҷойи 1-ум, Манижаи баҳодур магистри курси 1-ум аз рӯи наминатсияи “Хондан ва азбар намудани осори адибон классикони тоҷик” сазовори ҷои 1-ум ва Шукрона Тоҳирӣ аз рӯи наминатсияи “Хондан ва азбар намудани осори адибони муосири тоҷик” сазовори ҷойи 1-ум дар сатҳи ҷумҳуриявӣ гардиданд. Ҳамзамон мавриди зикр аст, донишҷӯёни мо дар озмуни шаҳрии «Ту қалби Тоҷикистони Душанбе» шмркат варзида, сазовори ҷои якум ва дуюм дар ин озмун гардидан. Масалан, донишҷуи курси якуми (ҳоло курси дуюм) ихтисоси умумӣ – Хуҷамқулова Шукрона сазовори ҷои якум ва магистри соли 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ (ҳолло ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ)– Гулафзо Пирова сазовори ҷойи дуюм гардиданд.

Инчунин, дар озмуни ««Тоҷикон»-оинаи таърихи миллат» дар даври шаҳрии он донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ – Абдураҳмонова Маҳина сазовори ҷои дуюм ва докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат – Солеҳ Разоқ сазовори ҷои сеюм гардидаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар факултети ҳуқуқшиносӣ 11 маҳфилҳои илмӣ-назариявии назди кафедравӣ фаъолият карданд, ки зиёда аз 1800 нафар донишҷӯён дар кори он иштирок кардаанд, ки нисбат ба солҳои (2016 – 1000 нафар донишҷӯ, 2017-1100, 2018-1300 нафар донишҷӯ, 2019-1400, 2020-1450, 2021-1625, 2022-1700 нафар донишҷӯ) зиёд мебошанд.

Дар маҷмӯъ 125 (соли 2016 – 210, соли 2017 – 230, соли 2018-270, соли 2019 – 272, соли 2020-240, соли 2021-256, соли 2022-272) маҳфили илмии донишҷуён гузаронида шуд, ки дар он масъалаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ ва забонҳои хориҷӣ баррасӣ гардиданд.

Ҳамзамон, дар факултети ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби 5 нафар омӯзгорони соҳибтаҷриба 38 маҳфилҳои инфиродии устодон, аз ҷумла маҳфили инфиродии профессорон Шарофзода Р.Ш., Шарипов Т.Ш., Ғаюров Ш.К., Ямоқова З.Д., Гадоев Б. гузаронида шуданд, ки дар он беш аз 70 нафар магистрон ва 150 нафар донишҷӯён иштирок намуда, масъалаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносиро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Қисми дигари фаъолиятӣ илмӣ дар ҳафтаи илм ин баргузор гардидани конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии донишҷӯёну

магистрони ДМТ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «145-солагии бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ», «2023 – Соли забони русӣ» ва «2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» кори худро аз 20-ум то 27-уми апрели соли 2023 идома дод. Мувофиқи барномаи донишҷӯёну магистрон дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар 11 бахш аз 322 маърӯзаи аз тарафи донишҷӯён пешниҳод шуда, 306 маърӯза мутобиқи нақша ва 3 маърӯзаи иловагӣ шунида шуд.

Аз маърӯзаҳои донишҷӯёну магистрон бармеояд, ки мақсади конференсияи илмӣ-назариявӣ ин кушодан ва баррасӣ намудани ҷиҳатҳои актуалӣ ва масъалаву муаммоҳои ҳалталаби соҳаҳои ҳуқуқ мебошад. Дар конференсия донишҷӯёну магистрон бо се забон тоҷикӣ, русӣ, англисӣ баромад намуданд. Дар ҷараёни конфренсия аз аз воситаҳои технологию иртиботӣ ва воситаҳои аёнӣ ба таври васеъ истифода карда шуд. Дар сатҳи баланд баргузор гардидани Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии ҳайати донишҷӯёну магистрон факултети ҳуқушиносии ДМТ ин самараи фаъолияти бо низом ва мунтазами маҳфилҳои илмии назди кафедраҳои факултети ҳуқушиносӣ ба ҳисоб меравад, ки дар як моҳ ҳар як маҳфил аз 1 то 2 ҷаласаҳои худро баргузор менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки конференсияи имсола дар сатҳи хеле хуб гузаронида шуд. Пешкаши мавзӯҳо тариқи слайд бо воситаи тахтаҳои электронӣ яке аз пешравиҳо дар кори конференсияи имсола ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон ба онҳо ифтихорнома ва тухфаҳои хотиравӣ супорида шуданд.

Аз таклифу пешниҳодҳои дар боло зикргардида маълум мегардад, ки олимони факултет пайваста дар пайи омӯзиш ва таҳқиқот қарор доранд ва ин боиси пешрафти илми ҳуқуқшиносӣ ва ҳам такмили қонунгузорӣ мегардад. Рафти иҷроиши барномаи конференсияи имсола таҳти назорати бевоситаи декани факултет ва муовини декани факултети ҳуқуқшиносӣ оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ. Бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии аъзои маҳфилҳои назди кафедравии Ҷамъияти илмии донишҷӯён дар соли 2022–2023 зиёда 100 мақолаҳои донишҷӯёни лаёқатманд ва фаъоли факултет, ки фарогирандаи масъалаҳои муҳимми ҷамъиятиву ҳуқуқӣ ва давлатию сиёсӣ буданд дар рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш» ва моҳномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ва ғ. ба табъ расидаанд.

Омӯзгорони факултет дар ҳимояи рисолаҳои доктoриву номзадӣ, китобҳои дарсиву васоити таълимии дохиливу хориҷӣ зиёда 80 тақризҳо навиштанд.

Дастовардҳои ҳайати омӯзгорон дар грантҳо, лоиҳаҳои байналмилалӣ, миллӣ (ғолиб) чунинанд:

Дар факултет 2 лоиҳаи миллӣ коркард мешавад, ки дар иҷрои он 5 нафар омӯзгорон ҷалб шудаанд:

1. Ҳуқуқи ҷиноятии муосри Тоҷикистон солҳои 2022-2026;

2. Муқовимат ба экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2020-2024

Пешниҳодҳо:

1. Тайёр намудани кадрҳои илмӣ тавассути докторантураи PhD ҷоннок карда шуда, ҷалби докторантони PhD бо дарназардошти риояи Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ–омӯзгорӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки докторантони PhD аз ҳисоби хатмкунандагони фаъоли бахши магистратураи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил намудаанд, забони давлатӣ ва хориҷиро хуб медонанд, ҳисси баланди ватандӯстиву масъулиятшиносӣ доранд, ҷалб карда шаванд. Докторантони PhD-ро зарур аст, ки дар мавзӯъҳои афзалиятнок ва арзишманде, ки барои рушду инкишофи соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқи кишвар созгоранд, таҳқиқотҳои илмӣ анҷом диҳанд.

2. Ба мақсад мувофиқ аст, ки ба масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати рисолаҳои диссертатсионӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуда, кафедраҳои тахассусӣ вазифадор карда шаванд, ки ҳар як рисолаи илмии ба кафедра воридшударо ҳаматарафа мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, хулосаҳои асоснок пешниҳод намоянд. Зиёда аз ин кафедраҳои факултет вазифадор карда шаванд, ки аз ҳисоби докторҳои мавҷуда барои тайёр намудани номзадони илм ва доктрони илмҳои ҳамҷавори риштаҳои илми ҳуқуқшиносӣ чораҷӯӣ намоянд. Дар ин замина барои муаррифии илми ватанӣ аз ҷониби устодон ва унвонҷӯён чопи на камтар аз як мақола дар хориҷи кишвар ба роҳ монда шавад.

3. Зарур аст, ки роҳу усулҳои нави ҳавасмандгардонии молиявии устодон бо дарназардошти иҷрои мақсадноки нақшаи КИТ ва иштироки фаъолона дар иҷрои дигар корҳои илмӣ коркард карда шуда, дар ин ҷода таҷрибаи пешқадами баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ватанӣ ва хориҷи кишвар ба инобат гирифта шавад.

4. Аз Раёсати ДМТ хоҳиш менамоем, ки барои ташкили маҷҷалаҳои илмию амалӣ аз аз рӯи ихтисосҳои - 12.00.08; 12.00.09.; 12.00.11.; 12.00.12. мусоидат намоянд.

5. Аз Раёсати ДМТ хоҳиш менамоем, ки барои тақвияти ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, дарёфти грантҳо ва бурсияҳо ҷиҳати пешбурди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ-методӣ мусоидат намоянд.

6. Аз Раёсати ДМТ хоҳиш менамоем, ки минбаъд барои чопи мақолаҳои конференсияҳои апрелӣ барои нашр мусоидат намояд.

## ХУЛОСА

Дар соли сипаришуда факултети ҳуқуқшиносӣ ба натиҷаҳои хуби илмӣ ноил гардида, ҳамаи корҳои илмӣ тибқи нақшаи корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ анҷом дода шудаанд.

## I. Китоби дарсӣ:


1. Шарофзода Р.Ш. Назарияи давлат ва хукук. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Сино», 2023. – 688 с.

2. Ғаюрзода Ш. К. Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ. Нашри сеюм. – Душанбе: нашриёти «Полиграф - груп», 2022. – 536с. – Дар ҳаммуаллифи бо Бобоев Ҷ. К., Муртазозода Ҷ. С. ва диг.

3. 10. Ғаюров Ш. К. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум (нашри дуюм) // Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаюров Ш. К. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сулаймонов Ф. С. – Душанбе: «Истеъдод», 2022. – 448с.- Бобҳои 10, 11. – С. 215-240.

4. Махмудзода М. А. Ҳуқуқи инсон барои синфҳои 10-и мактабҳои миёна. – Душанбе, 2022, 272 с. - Дар ҳаммуаллифӣ.

5. Махмудзода М. А. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Маориф, 2023. – 240с. – Дар ҳаммуаллифӣ бо Раҳимзода М. З.

6. Махмудзода М. А. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон: китоби дарсӣ: нашри чорум. – Душанбе: Эр – граф, 2023. – 352с. - Дар ҳаммуаллифӣ бо Худоёрзода Б. Т.

7. Ғаюров Ш. К. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум (нашри дуюм) // Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаюров Ш. К. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сулаймонов Ф.

8. Муртазозода Ҷ.С. Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ.- Душанбе: ЭР-граф, 2022. - 532 с. - Боби 4.- С. 227-267.

9. Химатов Х.Н. Семейное право: учебник (Высшее образование: Бакалавриат). / Н.А. Аблятипова [и др.]; под ред. С.Н. Тагаевой. – М.: ИНФРА-М, 2022.- 501с.

10. Соҳибзода М. М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми махсус: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР - граф, 2022. – 400с.

11. **Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л.** Ҳуқуқи иҷрои ҷаҳои ҷиноятӣ (Китоби дарсӣ), Хуҷанд, Парки технологии ДДҲБСТ, 2023 – 481 с.

12. Мирзозода П.З., дар ҳаммуаллифӣ. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ қисми якум. Душанбе: “Эр-граф”, 2022.- 356 саҳ

13. Диноршоев А.М., Салохидинова С.М. Конституционное право РТ: китоби дарсӣ. / Муқарризон: д. – ри илмҳои ҳуқуқшиносӣ, проф. Гадоев Б.С.. н.и.ҳ. дотсент Сулаймонзода М.С. – Душанбе: 2023.

## II.Монография:

1. Азиззода У.А. Правовое поведение: классические и современные модели: сборник научных трудов / под общ. ред. Д.А. Пашенцева. Москва: Саратовский источник, 2022. – 191 с. 157-164. Коллектив авторов.
2. Азиззода У.А. Теоретические и прикладные проблемы науки о человеке и обществе: Коллективная монография / [Азиззода У. А. и др.]. Петрозаводск : МЦНП «Новая наука», 2022. – 494 с. 233-248. Коллектив авторов.
3. Ализода З. Нақши Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 132-140. (- 480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2
4. Асосҳои назариявӣ-меъёрии татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / И.Х. Бобоҷонзода, А.Р. Нематов, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон. – Душанбе, 2023. – 340 с.
5. Афзали М.К. Contribution of the President of Tajikistan in foreign languages digestion // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 126-131. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Назарова З.А.) ISBN 978-99985-914-6-2
6. Баҳриддинзода С.Э., Иҷлосияи сарнавиштсоз дар таърихи Тоҷикистон / Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. “Балоғат”. 2023. - С.93-103. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Ҷалолов Х.Ғ.) ISBN 978-99985-914-6-2
7. Бобоева Н.И. Қадами муборакӣ Иҷлосия бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 297-301. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Имомова Ф.С.) ISBN 978-99985-914-6-2
8. Бобокалонов Г.М. Институт трудового договора: становление, современное состояние и перспективы развития в Таджикистане. Монография. – Душанбе: «Типография ТНУ» 2022. – 481 с.
9. Бобокалонов Ғ.М. Оилаи солим – пойдории давлат: нашри дуюми тасҳеҳ ва иловашуда». Монография. – Душанбе: «ҶДММ Фасл–4». – 2022. – 356 с.
10. Гафурзода А.Д. Нақши пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ислоҳот ва таҳкими идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 141-165. (- 480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

11. Ғафforзода И.Ғ. Иҷлосия ва рӯйдодҳои таърихӣ дар фаъолияти қонунгузории кишвар // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – С. 246 – 253. – (Дар ҳаммуаллифӣ бо Қурбонов Қ. Ш.) ISBN 978-99985-914-6-2
12. Ғаффорова Ш.А., Таҳқиқоти зуроварӣ дар оила. Монография / Ш.А., Ғаффорова Душанбе, 2023.– 205саҳ.
13. Ғаюрзода Б.Ш. Нақши Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нави кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 311-421. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Ғаюрзода Ш.К., Саидов Ҳ.М.) ISBN 978-99985-914-6-2
14. Ғаюрзода Ш.К. Нақши Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нави кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 311-421. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Ғаюрзода Б.Ш., Саидов Ҳ.М.) ISBN 978-99985-914-6-2
15. Давлатзода К.Д. Таҳдидҳои фазои маҷозӣ: амалия ва назарияи кибрҷиноятҳо. Монография / К.Д. Давлатзода Душанбе 2023.– 248с.
16. Диноршоев А.М., Солеҳзода Г.Д. -Социальное государство: история, теория и практика (монографичесое исследование): Монография / А.М. Диноршоев, Г.Д.Солехзода – Душанбе, 2022. – 224 с.
17. Диноршоҳ А.М. Роль судьбоносной XVI сессии Верховного Совета в формировании таджикской государственности // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 86-92. (480 саҳ.) (дар хаммуаллифи Бо Муродзода У.У.) ISBN 978-99985-914-6-2
18. Зиёваддинов И.И. Анҷумане, ки навиди бомдоди сулҳ ва рушди давлатдории миллии тоҷикон гардид // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – С. 266-277. (– 480 с.) (дар ҳаммуалифӣ бо Раҳимзода М.С., Негматов Б.С.) ISBN 978-99985-914-6-2
19. Имомова Ф.С. Қадами муборaки Иҷлосия бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 297-301. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Бобоева Н.И.) ISBN 978-99985-914-6-2
20. Искандаров З.Ҳ. Муҳиммияти ҷашни 16 ноябр – Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳомии инсон ва қонун, кафили истиқлоияти миллӣ, пойдориву бардавомии давлати тоҷикон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 191-194. (- 480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

21. Кабутов Э.Д. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар устувории ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 255-265. (- 480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

22. Каримзода Рухшона. К. Танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ. Монография. Душанбе – 2023. 204 Саҳ.

23. Касымов Ф. А. Акционерные правоотношения в гражданском праве Республики Таджикистан: теоретические и практические вопросы: монография. – Душанбе: ЭР – граф, 2022. – 392с.- ISBN 97899975 – 48 – 27 – 6

24. Қодиров Ҷ.Ш. Нақши Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ дар ташаккул ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 104-112. (- 480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

25. Қодиров Н.А. Одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // зери таҳририи дотсент Сулаймонов Ф.С. Душанбе.: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2023. 171 саҳ.

26. Қурбонализода Н.Ш. Вазъи ҳуқуқи граждании шахсони воқеӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: ЭР - граф, 2022. – 216с.

27. Қурбонализода Н.Ш. Такмили қонунгузории манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 433-441. (- 480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

28. Қурбонов Қ.Ш. Иҷлосия ва рӯйдодҳои таърихӣ дар фаъолияти қонунгузории // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – С. 246 – 253. – (Дар ҳаммуаллифӣ бо Ғаффорзода И.Ғ.) ISBN 978-99985-914-6-2

29. Ҷалолов Х.Ғ. Иҷлосияи сарнавиштсоз дар таърихи Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 93-103. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Баҳриддинзода С.Э.) ISBN 978-99985-914-6-2

30. Мансурӣ Ш.Ҷ. Иҷрои уҳдадории пулӣ. Монография. Душанбе: «Нушбод», 2022. – 180саҳ

31. Маҳмудов И.Т. Иҷлосияи тақдирсоз, санадҳои сарнавишстоз ва роҳбариояндасоз // Пешвои миллат ва рушди давлатдории миллӣ. Ҷиди 1. – Душанбе: Нашрияи ДМТ, 2023. – С. 21-37. (Боби 1. Зербоби 2.) монография.

32. Маҳмудов И.Т. Рушди ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе.

“Балоғат”. 2023-480 саҳ. С.226-254. (дар ҳаммуалифи бо Раҳимзода М.С.) ISBN 978-99985-914-6-2

33. Маҳмудов И.Т.Иҷлосияи тақдирсоз, санадҳои сарнавиштсоз ва роҳбариояндасоз // Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлатут ҳуқуқи милли тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – С.207-225. (-480 саҳ) ISBN 978-99985-914-6-2

34. Миралиев И.Қ Нақши Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҳёи давлатдорӣ // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 278-286. (- 480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

35. Миралиев Э.Б. Институти шартан татбиқ накардани ҷазо: проблемаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ: монография, Душанбе: ДМТ, 2023. 158с.

36. Мирзамонзода Х.М. Нақши Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули ваҳдати миллӣ // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 195-206. (-480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

37. Мирзозода П.З. Нақши Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар устувор намудани қонунгузории кишвар доир ба масоили танзими сифати озуқавори мол, кор ва хизмат // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 442-457. (-480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

38. Муминзода М.Н. Иҷлосияи тақдирсози миллати тоҷик // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 113-125. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Саъдизода Ҷ.) ISBN 978-99985-914-6-2

39. Муродзода У.У. Роль судьбоносной XVI сессии Верховного Совета в формировании таджикской государственности // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 86-92. (-480 саҳ.) (дар хаммуаллифи бо Диноршох А.М.) ISBN 978-99985-914-6-2

40. Муртазозода Ҷ.С. Танзими ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Тоҷикистон: таҳқиқоти гражданӣ – ҳуқуқӣ: монография.- Душанбе, «Полиграф групп», 2022. - 319 с.

41. Назаров А.Қ. Рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар партави Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – С. 166 – 190. (- 480 саҳ.) (дар хаммуаллифи бо Шарипов Т.Ш., Раҳмонзода М.Ҷ.) ISBN 978-99985-914-6-2

42. Назарова З.А. Contribution of the President of Tajikistan in foreign languages digestion // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 126-131. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Афзали М.К.) ISBN 978-99985-914-6-2

43. Негматов Б.С. Анҷумане, ки навиди бомдоди сулҳ ва рушди давлатдории миллии тоҷикон гардид // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – С. 266-277. (– 480 с.) (дар ҳаммуалифӣ бо Раҳимзода М.С., Зиёваддинов И.И.) ISBN 978-99985-914-6-2

44. Ҳимматов Х.Н. Зарождение и развитие кодифицированного акта семейного законодательства Республики Таджикистан в период независимости // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 458-466. (- 480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

45. Пурге А.Р. Правовое регулирование вспомогательных репродуктивных технологий: сравнительно-правовой анализ: монография.- Душанбе: Полиграф-Групп, 2022. - 160с.

46. Раҳимзода М.З. Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ: Назария ва танзими ҳуқуқӣ: Монография. – Душанбе – 2023. 204. Саҳ.

47. Раҳимзода М.С. Рушди ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. “Балоғат”. 2023-480 саҳ. С.226-254. (дар ҳаммуалифи бо Маҳмудов И.Т.) ISBN 978-99985-914-6-2

48. Раҳимзода М.С. Анҷумане, ки навиди бомдоди сулҳ ва рушди давлатдории миллии тоҷикон гардид // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – С. 266-277. (– 480 с.) (дар ҳаммуалифӣ бо Негматов Б.С., Зиёвaддинов И.И.) ISBN 978-99985-914-6-2

49. Раҳмон Д.С. – Санандҳои Суди констиутсионӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ / Монография / Раҳмон Д.С. Душанбе -2022 – 122 с.

50. Раҳмонзода М.Ҷ. Рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар партави Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – С. 166 – 190. (- 480 саҳ.) (дар хаммуаллифи бо Шарипов Т.Ш., Назаров А.Қ.) ISBN 978-99985-914-6-2

51. Саидов Ҳ.М. Нақши Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нави кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 311-421. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Ғаюрзода Б.Ш., Ғаюрзода Ш.К.) ISBN 978-99985-914-6-2

52. Сайфуллозода У.А. Ҷавобгарии ҷиноятӣ гирифтани пора ҳамчун ҷинояти коррупсионӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон(ба забони русӣ): монография, Душанбе: матбааи ДМТ, 2023. – 205с;

53. Саломов И.И. Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Иҷлосияи сарнавиштсози миллат ва давлати Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 302-310. (- 480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

54. Сангинзод Д.Ш. Нақши Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ дар ташаккули қонунгузории миллӣ // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 79-85. (- 480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

55. Саъдизода Ҷ. Иҷлосияи тақдирсози миллати тоҷик // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 113-125. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Муминзода М.Н.) ISBN 978-99985-914-6-2

56. Химатов Х.Н. Зарождение и развитие кодифицированного акта семейного законодательства Республики Таджикистан в период независимости // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – С. 268 – 273. (- 480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

57. Холиқзода А.Ғ. Буҳрони ҷаҳонӣ ва нусрати Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ: се дастоварди бузурги миллат // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 52-78. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Шоев Ф.М., Шосаидзода Ш.Ш.) ISBN 978-99985-914-6-2

58. **Холиқзода А.Ғ., Холиқов Н.А.** Афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии Абурайҳони Берунӣ (монография) – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 144 с.

59. Хоҷаева Н.Б. Масъалаи дастгирии занон дар меҳвари сиёсати Пешвои миллат // Пешвои миллат ва рушди давлатдории миллӣ. Ҷиди 2. – Душанбе: Нашрияи ДМТ, 2023. – С. 170-179.-37. (Боби 3. Зербоби 4.) монография.

60. Хоҷамуродов Д. Г. Нақши Иҷлосияи XVI – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи қонунгузории байторӣ // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – С. 273 - 278. (- 480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

61. Шарипов М.М. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ: монография, Душанбе: матбааи ДМТ, 2023. – 186с;

62. Шарипов Т.Ш. Рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар партави Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – С. 166 – 190. (- 480

саҳ.) (дар хаммуаллифи бо Назаров А.Қ., Раҳмонзода М.Ҷ.) ISBN 978-99985-914-6-2

63. Шарифов И.М. Соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ. Монография. Душанбе: «Эр-граф», 2022. – 176 саҳ.

64. Шарофзода Р.Ш. Инкишофи нуқтаҳои назари анъанавӣ ва муосир оид ба татбиқи ҳуқуқ // Асосҳои назариявӣ-меъёрии татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / И.Х. Бобоҷонзода, А.Р. Нематов, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон. – Душанбе, 2023. – С. 9-31.

65. Шарофзода Р.Ш. Методологияи таҳқиқи мафҳуми «татбиқи ҳуқуқ» дар робита бо падида ва равандҳои нави татбиқи ҳуқуқ // Асосҳои назариявӣ-меъёрии татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / И.Х. Бобоҷонзода, А.Р. Нематов, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон. – Душанбе, 2023. – С. 32-45.

66. Шарофзода Р.Ш. Нақши таърихии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини асосҳои ҳуқуқии рушди Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 22-51. (- 480 саҳ.) ISBN 978-99985-914-6-2

67. Шарофзода Р.Ш. Такмили асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқ дар шароити ҷаҳонишавӣ, таъсири мутақобилаи низомҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории давлатҳо // Асосҳои назариявӣ-меъёрии татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / И.Х. Бобоҷонзода, А.Р. Нематов, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон. – Душанбе, 2023. – С. 45-56.

68. Шоев Ф.М. Буҳрони ҷаҳонӣ ва нусрати Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ: се дастоварди бузурги миллат // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 52-78. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш.) ISBN 978-99985-914-6-2

69. Шосаидзода Ш.Ш. Буҳрони ҷаҳонӣ ва нусрати Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ: се дастоварди бузурги миллат // Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: Монография. – Душанбе. «Балоғат». 2023. – с 52-78. (- 480 саҳ.) (дар ҳаммуалифи бо Холиқзода А.Ғ., Шоев Ф.М.) ISBN 978-99985-914-6-2

